Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 17

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа М. Раҳимов ба диссертатсияи **Нурулҳақ Қамар дар мавзуи «Салафия: назария ва амалия»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14-Фалсафаи дин ва диншиносӣ

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзӯи «Салафия: назария ва амалия» мазмунан ва мантиқан ба талаботи шиносномаи ихтисоси 09.00.14-Фалсафаи дин ва диншиносӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда.** Дар давраи ҳозира ҷаҳони ислом дар ҳолати амиқи бӯҳрони сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ қарор дорад. Сабабҳои он гуногунанд ва таҳлили ҳамтарафаи онро коршиносон ва олимони соҳаҳои гунгун ба ӯҳда доранд. Ба зумраи манфуртарин падидае, ки ҷаҳони кунунии исломро фаро гирифтааст – таассуби динӣ мебошад. Таассуб дар ҳама гуна шаклҳои зуҳуроти худ хатарнок аст, аммо таассуби динӣ аз ҳама пурхатар ва даҳшатовар аст, зеро ки он дар ниҳоди худ харобиовар буда, оташи он ҳазорон одамонро ба коми худ мекашад, Таассуби динӣ заминаи хуби идеоложии терроризм мебошад. Тавре ки муаллиф қайд менамояд, “равияҳои мухталифи экстремистӣ, аз ҷумла салафия, омили муҳиме дар нобасомонии ҳаёти иҷтимоӣ-динӣ дар кишварҳои минтақаи ислом гардидааст. Дар ин замина зиддиятҳои тозае, ки дар дохили кишварҳои мусулмонӣ ва хориҷ аз он ба вуҷуд омаданд, ба рушди босуръати онҳо халал мерасонанд. ...дар Тоҷикистон бошад, ин таъсир боз ҳам бештар

аст, чун тавонои давлати ҷавони он ҳоло дар муқобили чунин таҳдидҳо, махсусан таҳдиди равияҳои ифротии исломӣ заиф ва барои кишвар метавонад осебпазир бошад (с.3-4).Таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқи идеология ва амалияи равияи ифротии исломӣ-салафия, роҳҳои пешгирӣ аз таъсири номатлуби он, яъне мавзуи ҳаётан муҳими ҳаёти имрӯзаи ҷумҳурӣ бахшида шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмӣ, умумифалсафӣ, аз ҷумла равиши гипотетикӣ-аксиоматикӣ, ягонагии мантиқию таърихӣ, методҳои муқоисавӣ ва герменевтикӣ ташкил медиҳанд, дар мавридҳои зарурӣ равишҳои хусусии илмҳои таърихию ҷомеашиносӣ низ истифода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.**

Аз навгониҳои таҳқиқот, ки муаллиф пешниҳод кардааст, махсусан нуқтаҳои зерин диққатҷалбкунандаанд:

-аввалин бор масъалаи сабабҳои аз "бидъат"-ҳо олуда шудани ислом , ки аз ҷониби салафия ҳамчун далели бозгашт ба "исломи ноб" истифода мегардад, аз нигоҳи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

-бори аввал робитаи салафия бо одатҳои тоисломии араб, ки дар шаклгирии исломи ибтидоӣ нақши муҳим бозида, падидаи иҷтимоӣ будани исломро исбот месозад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

-бори аввал исбот карда шудааст,, ки муборизаи салафия ба муқобили ақлгароӣ, илму фалсафа ва дигар навовариҳо ("бидъат") барои ҳифзи руҳи арабии ислом ва ҳимояи давлатдории араб дар асрҳои миёна ва эҳёи давлати араб, истиқлоли он дар садаи XVIII сурат гирифтааст;

-бори нахуст муносибати ислом ба оини зардуштия, ки муносибати исломро дар кулл ба фарҳанги миллию дунявии мардумони эронитабор муайян карда, имрӯз ҳамчун сарчашмаи ғоявии муносибати салафияи ифротӣ ба фарҳангҳои миллӣ хизмат менамояд ва хусусияти

арабӣ доштани идеяи космополитизми исломиро фош месозад, ба таври мушаххас ба риштаи таҳқиқ кашида аст;

- бори аввал муҳаққиқ саҳми Ғаззолиро дар ҳифзи салафия нишон дода, нақши таълимоти ӯро дар ривоҷи таассуби динию бозмондагии ҷаҳони ислом нишон додааст;

-зимни таҳқиқот ошкор гардидааст, ки салафия ва ҳамаи дигар ҷараёнҳои нави сиёсӣ-динӣ дар ҳамаи шаклҳояшон барои давлати миллию дунявӣ ва фарҳанги миллӣ хатарнок буда, метавонанд амну суботи ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро, на танҳо вайрон созанд, ҳамчунин ин кишварҳоро дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ доранд.

Боби якуми диссертатсия - **“Салафия дар ибтидои таърихи ислом”** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби аввал - **“Истилоҳи “салаф” ва таҳаввули маънои луғавии он дар таърихи ислом”** муаллиф дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ маъноҳои гуногуни вожаи салафро баён менамояд. Инро ба инобат гирифт, ки муҳаққиқ истилоҳи “салафияро” аз вожаи “салаф” фарқ мекунад. Дар ибтидо вожаи “салаф” ба маънои “гузашта”, ё “гузаштагон”, “пешина” ё ”пешиниён” омадааст, ки бештар маънои манфӣ дорад, яъне ояндагон бояд аз одати бади пешиниён ибрат гирифта, ислоҳ шаванд. Дар ин ҷо истифодаи ин вожа ба маънои авф кардан ва манъ намудани одатҳои манфии замони ҷоҳилияи араб истифода шудааст.

Маънии аслии вожаи салаф, дар шарҳи муаллиф, маънои ба гузашта пайравӣ карда, аз таҷрибаи он баҳра бардоштанро ифода мекунад. Баъдан уламои исломӣ зери ин вожа ақидаю амалу рафтори се насли мусулмонони таърихи ибтидоии ислом – саҳобагон, тобеин ва табаатобеинро “салафи солеҳ” (некном) ҳисобида, ақидаю амали пайравони фирқаю мазҳабҳои дигари исломиро “бидъат”-у “куфр” донистаанд, ки дар натиҷа он ҷанбаи сиёсӣ, мазҳабию зиддиақлонӣ касб

намуда, чун силоҳи идеологӣ бар зидди ҷараёнҳои озодфикрӣ равона шудааст.

Ғаззолӣ маънои луғавии истилоҳи салафи солеҳро васеъ намуда, вожаи мазкурро на танҳо ҷанбаи эътиқодӣ, ҳамчунин ҷанбаи сиёсӣ дод, зеро он хусусияти зиддимазҳабӣ дошт. Гузашта аз он, ӯ ба ғайр аз се насли мусулмонони ибтидоӣ ба салаф имомони мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат ва донишмандони илми каломро шомил намуд. Баъдан, замоне, ки Ғаззолӣ ба тасаввуф майл кард, вожаи салафро ба аҳли тасаввуф низ нисбат дод.

Оид ба мазҳаби ҳанафия сухан ронда, унвонҷӯ қайд мекунад, ки дар асл фиқҳи Абуҳанифа аз "салафи солеҳ" фарқ мекунад ва бо таълимоти салафиён созгор нест. Зеро ӯ дар тафсирҳои худ методҳои ақлонӣ, аз ҷумла қиёс, иҷмоъ, иҷтиҳод, истеҳсон, урфро истифода намуда, аз тақлиди кӯр-кӯрона ба аҳли салаф канорагирӣ намудааст.

Дар замони муосир салафия дар зери парчами таассубгароёнаи таълимоти Муҳаммад ибни Абдуваҳҳоб (садаи XVIII) фаъолият намуда, аз таълимоти фиқҳии ҳанбалия сарчашма мегирад. Аз ин ҷо, унвонҷӯ хулоса мекунад, ки салафияи муосир "як тамоюли арабигароӣ дар ислом аст, ки барои ҳифзи руҳи арабии ислом ва эҳёи исломи се насли мусулмонони садри ислом ва хилофати араб мубориза мебарад".

Дар зербоби сеюми боби аввал - **"Мубориза барои тарғиб ва ҳифзи "исломи пок"** муаллиф қайд намудааст, ки салафия исломи замони се насли мусулмонони давраи ибтидоиро ҳамчун "исломи пок" нишон медиҳад, ки ин дар асл маънои эҳёи хилофат ва исломи бемазҳабро дорад. Дар робита ба ин унвонҷӯ се сабаби асосии воридшавии "навоварӣ"-ҳо, яъне "бидъат"-ро, ки салафия онро аз имомони мазҳабҳо медонад, мавриди таҳқиқ қарор дода, ақидаи салафияро дар ин масъала бо далелҳо рад менамояд.

Яке аз нуктаҳои муҳими рисола баррасии муносибати салафия ба фарҳанги миллӣ мебошад, ки ба ақидаи муаллиф он аз муносибати ислом ба миллат ва муносибати се насли мусалмонони садри ислом ба фарҳанги миллӣ сарчашма мегирад. Муаллиф сарчашмаи ғоявии муносибати исломро ба фарҳанги миллӣ баррасӣ намуда, таъкид намудааст, ки салафия як ҷараёни ифротии зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ мебошад. Унвонҷӯ итминон дорад, ки ҳарчанд "таълимоти ислом дар бораи миллат хусусияти зиддимиллмӣ ва зиддиилмӣ дошта, чунин тарзи биниш дар бораи миллат минбаъд нисбати фарҳанги миллӣ низ татбиқ гардида, ҳар кадом арзиши миллии халқҳои ғайриараб аз ҷониби исломгароён ҳамчун падидаи зиддисломӣ шинохта мешавад, аммо бояд таъкид кард, ки чунин тарзи фаҳмиши исломии миллат ҳамчун умумияти эътиқодии одамон ҳеҷ гоҳ наметавонад халқҳои гуногунро дар як миллати том муттаҳид созад" (с. 143).

Дигар ин ки, дар худи ҷаҳони ислом мусулмонон на танҳо аз рӯи аломатҳои миллӣ, ҳамчунин аз рӯи эътиқоди динӣ ба равияю фирқа ва мазҳабҳои гуногун тақсим шудаанд ва дар тӯли таърих то ба имрӯз миёни онҳо низоъҳои мазҳабию этникӣ дар заминаи бархӯрди эътиқодҳо ба вуқӯъ пайвастааст, ки дар воқеъ вуҷуд доштани кадом як миллати ягонаи исломиро инкор мекунад. Гузашта аз ин, дар миёни аъзои як этнос, қавму миллат дар баробари диндорон метавонанд ашхоси бедин ё ҳеҷ набошад озодфикр вуҷуд дошта бошанд. Бинобар он, дар заминаи эътиқоди динии ягона ташаккул додани миллати воҳид ғайриимкон аст (с. 143-144). Ҳатто дар замони хилофати араб, халқҳои гуногуни мусулмон наметавонистанд ба як миллати воҳид табдил ёбанд.

Боби сеюми диссертатсия - "**Ваҳҳобия ва ҷунбиши бунёдгароӣ дар ҷаҳони ислом**" аз ду зербоб иборат буда, дар он зуҳури ваҳҳобия ва нақши он дар пайдоиши ҳаракатҳои бунёдгароёнаи исломии ифротӣ ва

ривоҷи онҳо дар ҷаҳони ислом ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм - "**Ваҳҳобия ва идеяи "исломи ноб** муаллиф ғояҳои иртиҷоии ваҳҳобия (шакли нави он салафия)-ро фош мекунад. Муаллиф дар робита ба ин масъала, масъалаи тавҳидро, ки масъалаи маркazии идеяи "исломи пок" аст, ба риштаи таҳқиқ кашида, то чӣ андоза дар салафияи мусоир хусусияти сиёсӣ касб кардани онро бо далелҳо аз сарчашмаҳои динию илмӣ нишон дода, хусусияти арабгароӣ ва ба манфиати қудратҳои минтақавию ҷаҳонӣ будани онро таҳқиқ намудааст. Ба ақидаи муаллиф идеяи тавҳид дар ваҳҳобия оқибат бо идеяҳои "такфир"-у "ҷиҳод" пайваст шуда, онро ба як ҷараёни экстремистӣ-террористӣ табдил додааст. Ғояи "исломи ноб"-и ваҳҳобия имрӯз дар боздории ҷаҳони ислом аз тараққиёти илмӣ-технологии замони муосир муассир мебошад. Диссертант таъкид мекунад, ки таълимоти ваҳҳобия-салафия дар бораи "исломи ноб" аслан идеяи комилан нав набуда, дар таърихи ислом ин масъаларо руҳонияти аҳли суннату ҷамоат низ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Муборизаи аҳли суннат "бо "навоварӣ" ё "бидъат" дар бахши аркони дин ба андозаи зиёд вуҷуд доштанд. Худи зуҳури чор мазҳаб дар исломи суннатӣ далелест доир ба муборизаи байни суннату навоварӣ"(с. 282). Гузашта аз ин, агар баъзе мактабҳои фиқҳӣ (мазҳаб) бо мақсади густариши ислом кӯшиши ба шароити маҳал мутобиқ кардани исломро пеша карда бошанд, ба мисли ҳанафия, баъзеи дигар мактабҳои фиқҳӣ ба мисли ҳанбалия кӯшидаанд, ки руҳи ибтидоии исломро ҳифз намоянд ва ин маънои мубориза бо навоварӣ ва ақлгароиро дошт.

Дар зербоби дуюми боби чорум - **"Бунёдгароии исломӣ дар Тоҷикистон ва хатари салафия ба ҳаёти динӣ-сиёсии он"** масъалаи хатари

бунёдгароии исломӣ дар ҳаёти динӣ-сиёсии Тоҷикистон, ки салафия яке аз шаклҳои зуҳури он аст, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант дар ин зербоб салафияи такфирӣ-ҷиҳодиро хатарноктарин шакли зуҳури салафия ҳисобида, таҳдиду хатарҳои онро барои Тоҷикистон нишон медиҳад, зеро дар Тоҷикистон маҳз ҳамин шакли салафия паҳн гардида истодааст, ки идеяи марказии он бемазҳабӣ мебошад ва ин хатари ҷиддӣ ба мазҳаби ҳанафии таҳаммулпазир ва ақлгаро, ки мазҳаби аксарияти тоҷикистониён аст, дорад, зеро салафия метавонад ваҳдати эътиқодии 96%-и ҳафанимазҳабҳои кишварро вайрон сохта, низои мазҳабиро ба миён орад. Диссертант ба хулоса меояд, ки "салафия чи аз нигоҳи ақидавӣ ва чи амалию ибодатӣ бо мазҳаби ҳанафӣ ихтилофи ҷиддӣ дорад.

Ҳамзамон диссертант хатари салафияро нисбати давлати миллию дунявӣ, ки аз нигоҳи салафиён гӯё падидаи зиддиисломӣ ба ҳисоб меравад, таҳлил карда, таҳдиду хатарҳои онро иборат аз якчанд нукта нишон додааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок низ ба назар мерасад:

1. Хуб мешуд, агар диссертант мафҳумҳои иҷмоъ, иҷтиҳод, қиёсро васеътар шарҳ медод.

2. Агар дар рисолаи диссертатсионӣ симои Зулқарнайн, ки образи Куруши Кабир буда аст, васеътар шарҳ меёфт, хуб мебуд.

3. Ба назари мо агар диссертант ҷараёни салафияи ифротиро бо баъзе ҷараёнҳои дигари ифротии ислом муқоиса мекард, хуб мешуд.

4. Ба назари мо баъзе нуктаҳои зербоби боби саввум ва чаҳорум ба ҳам наздиканд ва андак такрор шудаанд. Хуб мешуд, агар онҳо муттаҳид карда мешуданд. Ин имконият медод ҳаҷми диссертатсия андаке кӯтоҳ гардад.

5. Дар рисола хатоҳои грамматикӣ ба назар мерасанд. Ин хатоҳои техникӣ дар саҳ. 100, 113, 144, 161, 254, 299 роҳ дода шудаанд.

Дар маҷмуъ, камбудӣ ва эродҳои ҷойдошта мазмун ва сифати диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф кори мустақил буда, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо метавон гуфт, ки диссертатсияи Нурулҳақ Қамар дар мавзӯи «Салафия: назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14-Фалсафаи дин ва диншиносӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нурулҳақ Қамар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14 – **Фалсафаи дин ва диншиносӣ** сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба
номи академик М.С. Осимӣ **Раҳимов М.Ҳ.**
Тел: +992 (37) 221-35-11;
E-mail, info@ttu.tj; www. @ttu.tj

**Имзои профессор М. Раҳимовро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ
ба номи М.С. Осимӣ **Қодирзода Н.Ҳ.**
12.09.2024

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10